**Тақризи**

**муқарризи расмӣ, номзади илмҳои фалсафа, Азизов Комил Ҷурахонович ба диссертатсияи Салимов Аслиддин Иномҷонович дар мавзуи «Идеяи баробарии иҷтимоӣ дар фалсафаи бостонӣ ва асримиёнагии тоҷик», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа, аз рӯи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа. Душанбе, 2023. – 167 саҳ.**

Дар муқаддимаи рисола тибқи муқарраротИ расмӣ мубрамияти мавзуъ асоснок карда шудааст, ки мо бо он комилан розием. Дараҷаи омӯзиши назариявии мавзуъ ва манбаи сарчашмашиносии он ба талаботи меъёрӣ мувофиқат мекунад.

Дар байни мухимтарин масъалаҳои назариявии фалсафаи ичтимоӣ масъалаи адолати иҷтимоӣ ва баробарии иҷтимоиро қайд кардан мумкин аст. Масъалаи мазкур дар ҳар давру замон аз тарафи мутафаккирони Шарқу Ғарб пайваста мавриди таҳлил қарор гирифта буд. Масалан, андешаҳои М.Вебер барои ташаккули ақидаҳои муосир дар бораи моҳият, шакл ва вазифаҳои нобаробарии ичтимоӣ дар баробари назарияи К.Маркс аҳамияти халкунанда дорад. Вай кӯшиш карда буд, ки таҳлили алтернативӣ дар асоси сарчашмаҳои сершумори иерархияи иҷтимоӣ таҳия кунад.

Баробарии ичтимоӣ яке аз мафҳумҳои калидие мебошад, ки мутафаккирони точик аз замони бостон онро мавриди баррасӣ қарор дода, баъзан ба таври реалӣ ва баъзан ба таври утопия онро дар асарҳои худ тасвир мекарданд. Аммо ин мафҳум дар ҳар давру замон чун назарияи утопистӣ (хаёлпардозӣ), фарзияи дур аз далелҳои илмӣ боқӣ монд. Ҳатто дар замони Шуравӣ, ки идеологияи он асос бар таълимоти «баробарии иҷтимоӣ» (социальная уравниловка) дошт, ин баробарӣ аз тарафи худи элитаи ҳизбӣ вайрон гардид.

Дар таърихи фарҳанги миллии мо Носири Хусрав яке аз ҷонибдорони аслии адолати ичтимоӣ ба ҳисоб меравад, аммо ин

мутафаккир ҳангоми баррасии масъалаи баробарии иҷтимоӣ, ба чунин хулоса меояд, ки: "Набинӣ, ки агар чунон шавад, ки ҳеҷ кас фармони кас накунад, ҳар касеро кори хеш бояд кардан. Ва чу ҳама ҳамвор шаванд, ҳама ранҷа шаванд ва ҳеҷ кас мар ҳеҷ касро кӯзае об надиҳад. Ва агар чунин бувад, ҳамаи мардум чун сутурон шаванд ва андар ин ранҷагии ҳамаи халқ бошад, на роҳати ҳамаи халқ."(Ҷомеъ-ул-ҳикматайн. Душанбе,2011. С.142). Яъне, аз нигоҳи Носири Хусрав, мавҷудияти баробарии иҷтимоӣ дар ягон ҷамъияте мумкин нест. Зеро он сохтори ҷамъиятиро вайрон мекунад.

Рисолаи Салимов А. И. аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса ва руйхати адабиёт иборат мебошад

Дар боби аввал "Баробарӣ ва адолати иҷтимоӣ ҳамчун категорияҳои фалсафӣ-иҷтимоӣ ва инъикоси онҳо дар таълимоти динӣ ва фалсафии тоҷикони бостон" аз ду зербоб иборат буда, дар он қайд гардидааст, ки баробарии ичтимоӣ муҳимтарин масъалаи назариявии таърихи афкори иҷтимоӣ буда, бо проблемаи адолати иҷтимоӣ робитаи ногусастанӣ дорад. Баробарии иҷтимоӣ ва ҷомеаи идеалӣ, ба андешаи диссертант, орзую ормони мутафаккирон ва сиёсатмадорон аз давраҳои пеш аз таъсисӣ давлат ва баъд аз он ба ҳисоб меравад. Баробарӣ ва адолат, аз нуқтаи назари муаллифи диссертатсия, бидуни андешаҳои нобиғаву мутафаккирон ва эҳсоси баробарҳуқуқии одамон имконпазир аст, зеро ҳар воқеият натиҷаи мушаххаси амалӣ шудани идея аст.

Диссертант қайд мекунад, ки мафҳуми "баробарии иҷтимоӣ" ин воситаест барои тағйир додани муҳити иҷтимоии инсонҳо. Зеро муҳити беадолатии иҷтимои мутафаккиронро бар он во медорад, ки онҳо чунин идеяҳоро дар ҷомеа матраҳ месозанд ва зимомдорони вактро ба суи адолат даъват намоянд. Муаллифи диссертация бар он ақидааст, ки сабаби пайдоиши мафҳумҳое аз қабили "баробарии иҷтимоӣ", "адолати иҷтимоӣ" ва идеяи "озодӣ" бар он асос дорад, ки дар баробари онҳо дар ҷомеа мафҳумҳои зид аз қабили "нобаробарӣ", "беадолатӣ", "ғуломӣ" вуҷуд доранд. Яъне зид зидро ба вучуд меоварад.

Дар боби мазкур диссертант баробарии иҷтимоиро дар таълимоти динӣ-фалсафии бостонии тоҷик мавриди баррасӣ қарор дода, аз ҷумла қайд мекунад, ки аввалин идеяҳои баробарии иҷтимоӣ хусусияти тахайюлӣ дошта, дар шаклхои утопиявӣ арзи вуҷуд кардаан. Чунин таълимот мавҷудияти ҷомеаи идеалӣ, давлати идеалӣ имконпазир мешумориданд. Аммо, ба андешаи диссертант, таҷрибаи инсонӣ нишон медиҳад, ки ҷомеаи идеалӣ ва ҳукумати идеалӣ амалан вуҷуд дошта наметавонанд.

Ғояи баробарии иҷтимоӣ, аз руи таҳлилоти диссертант, дар таълимоти фалсафии бостонии тоҷик бо мафҳумҳои ахлоқӣ ифода меёбад. Яъне баробарии иҷтимоӣ худ як мафҳуми ахлоқӣ буда, риояи он дар ҷамъият бар ахлоқи баланди иҷтимоӣ далолат мекунад. Бинобар ин, ба андешаи диссертант, баробарии иҷтимоӣ, дар таълимоти ниёгони бостонӣ, бо чунин мафҳумҳо некӣ, ирода, маърифат, шинохт, шоҳи одил, поквиҷдонӣ, имон, эътиқод, инсонгароӣ ва ғайра маънидод мешавад.

Диссертант таълимоти маздакияро бо дигар таълимотҳои фалсафии бостонӣ муқоиса намуда, ба чунин хулоса меояд: «Баробарӣ дар таълимоти маздакия аз дигар ҷараёнҳои фалсафӣ бо он фарқ мекунад, ки имкони баробарӣ на танҳо дар сиёсат, дин, ахлоқ, ҳуқуқ, балки дар муносибатҳои иқтисодӣ низ эътироф мегардад. Баробарӣ барои маздакиён, инчунин, на фақат дар сабаб, балки дар натиҷа ҳам мебошад» (саҳ.55). Истифода аз усули таҳлили муқоисавӣ дар кори илмӣ хело хуб ба назар мерасад, ки чунин амал қиммати амалии онро зиёд мекунад.

Дар боби дуюм «Масъалаҳои баробарии иҷтимоӣ ва адолат дар таълимоти фалсафию динии мутафаккирони асримиёнагии тоҷик» чунин масъалахо, аз тарафи диссертант, мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд: Озодӣ, башардӯстӣ, баробарҳуқуқӣ дар таълимоти маншоия оид ба баробарии иҷтимоӣ; баробарӣ ва адолат дар таълимоти калом; баробарӣ ва адолати иҷтимоӣ дар таълимоти исмоилия; идеяи баробарии инсонхо дар тасаввуф.

Диссертант дар боби мазкур масъалаи баробарии иҷтимоиро дар таълимоти машшоия, аз ҷумла дар таълимоти Ибни Сино баррасӣ намуда, ба натиҷаҳои хубӣ илмӣ ноил мегардад. Масалан аз рӯи назари муаллифи рисола баробарии объективии иҷтимоӣ дар афкори Ибни Сино заминаи субъективӣ доранд. Яъне баробарии ҷамъияти реша дар тафаккури хар як фарди иҷтимоъ дорад. Чун фард олами маънавии худро – шаҳвату ғазабро зери назорат бигирад ва бар онҳо ҳукмронӣ кунад, дар натиҷа ҷамъият низ, ки аз афроди ҷудогона иборат мебошад, ба низом даромада, адолат ва баробарӣ дар он амалӣ мегарданд. Диссертант ҳангоми муҳокима ба чунин натиҷаи ҷолиб мерасад: «Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки, аз нигоҳи Ибни Сино, ноҳамоҳангии рафтори субъектҳои ҷомеа куллан адолат ва баробарии иҷтимоиро вайрон месозад. Бинобар ин, Сино барои ислоҳоти куллӣ аввалан ислоҳ кардани фардҳои алоҳидаро зарур медонад. Ҳеҷ гоҳ инсон, аз нигоҳи ин аллома, наметавонад бо роҳи худхоҳӣ ба мақсадҳояш расад. Идора накардани нафс инсонро нобуд менамояд. Инсон аз он сабаб ба роҳи худхоҳӣ меравад, ки тасаввуроти нодуруст дар бораи ҳаёт ва арзишҳои он пайдо кардааст» (саҳ.69). Дар таълимоти калом, ба андешаи диссертанд, баробарии иҷтимоӣ аз қонунҳои динӣ, оятҳои Куронӣ ва ҳадисҳои пайғамбар сарчашма гирифта, хусусияти ахлоқиро касб мекунад.

Дар мавриди омӯзиши баробарии иҷтимоӣ дар таълимоти исмоилия, диссертант, танҳо ба баррасии таълимоти Носири Хусрав маҳдуд мешавад. Дар таълимоти Носири Хусрав масъалаи мазкур ба омӯзиши илму дониш рабт дода мешавад. Яъне ҳарчанд аъзоёни ҷомеа бештар аз илм бархурдор бошанд, ҳамонқадар адолат ва баробарӣ дар ҷамъият таъмин мегардад. Ин чунин ба андешаи муҳаққиқ адолат ва баробарии иҷтимоӣ, аз нигоҳи Носири Хусрав, аз олами ботинии инсон сарчашма мегирад, яъне ин мафҳумҳо, дар таълимоти мутафаккири мазкур, ба худ мазмуни ахлоқӣ мегиранд.

Дар таълимоти намояндагони тассавуф бошад, аз рӯи таҳлилҳои диссертанд, баробарии иҷтимоӣ на маънои эмпирикӣ, балки мазмуни

ормонӣ дорад. Дар маҷмӯъ диссертатсияи Салимов А.И. барои илми таърихи фалсафа ва ҷомеашиносӣ натиҷаҳои хуберо пешниҳод намуда, ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам амалӣ дорои арзиши баланд мебошад.

Дар баробари муваффақиятҳо дар кори илмӣ инчунин баъзе норасоиҳо низ мавҷуданд, ки аз инҳо иборат мебошанд:

1. Мавзуи таҳқиқшаванда хело васеъ ва доманадор буда, аз ин рӯ дар бисёр маврид масъалаҳо ба таври пурра ҳали худро наёфтаанд. Хуб мешуд, ки мавзуи мазкур дар таълимоти як мутафаккир ва ё як мактаби фалсафӣ мавриди муҳокима қарор мегирифт.
2. Дар диссертатсия ба масъалаи баробарии иҷтимоӣ дар таълимоти маздакия ва дигар мактабҳои фалсафӣ ба таври ҷудогона омӯхта нашудааст.
3. Дар баъзе маврид диссертант дар раванди таҳлили ин ё он масъала аз услуби илмӣ ба услуби бадеӣ мегузарад, ки чунин тарзи таҳлил қиммати илмии таҳқиқотро чун кори илмӣ паст мекунад.

Аммо ин камбудиҳо хусусияти тавсиявӣ дошта, барои анҷоми таҳқиқоти оянда мусоидат карда, муҳтавои таҳқиқоти мазкурро арзишманд менамоянд.

Хулоса, диссертатсияи Салимов Аслиддин Иномҷонович «Идеяи баробарии иҷтимоӣ дар фалсафаи бостонӣ ва асримиёнагии тоҷик» кори мустақили илмӣ-таҳқиқотии анҷомёфта ба ҳисоб меравад.

Автореферати диссертатсия, гузоришҳои илмӣ ва мақолаҳои ба чоп расонидаи Салимов Аслиддин Иномҷонович муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос намуда, аз лаёқати баланди илмии унвонҷӯй гувоҳӣ медиҳанд.

Диссертатсияи Салимов Аслиддин Иномҷонович «Идеяи баробарии иҷтимоӣ дар фалсафаи бостонӣ ва асримиёнагии тоҷик»ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст,

ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа мебошад.

Муқарризи расмӣ:

Н.и.ф., Мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи Донишгоҳи давлатии Данғара Азизов К.Ҷ.

Имзои Азизов К.Ҷ.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шӯъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии Данғара Асадуллоева Д.

ШӮЪБАИ КАДРҲО

25.10.2023